# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ дар мавзуи «**Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор: 24 прелюдия ва фуга барои фортепиано “Нақши паранд”**», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) дар кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов иҷро шудааст.

Навъи мусиқии полифонӣ ба фарҳанги мусиқии тоҷик дар асри XX ворид шуд. Новобаста ба муддати кӯтоҳи 80-сола ин навъи мусиқии академӣ дар эҷодиёти композиторони Тоҷикистон хеле хуб зоҳир гардидааст. Ин имкон медиҳад, ки дар охири асри XX – аввали асри XXI дар бораи падидаи «полифонияи тоҷик» сухан гуфта шавад. **Аҳаммият ва мубрамии мавзуъи** кори диссертатсионии Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ ба маънои васеъ дар он аст, ки мусиқии Тоҷикистонро ҳамчун саҳмгузорандаи ин навъи мусиқии академии ҷаҳонӣ баҳогузорӣ менамояд. Ба маънои мушаххас, таҳлили бузургасари композитор-полифонисти машҳур Фирӯз Баҳорро нахустин бор ба илми мусиқӣ ворид месозад.

Бояд гуфт, ки мусиқии академии тоҷик, ки феълан мусиқии композитории Тоҷикистон аст, дорои таҳқиқоти зиёде нест. Хусусан, тадқиқҳое, ки таҳлили назарӣ ва амалии асарҳои мушаххасро дар бар мегиранд, хеле нодиранд. Аз ин лиҳоз кори диссертатсионии Бахтиёр Убайдзода, ки бо истифодаи меъёрҳои таҳлилии илми мусиқии академии ҷаҳонӣ иҷро шудааст ва ба доираи рукнҳои асосии **мусиқишиносӣ (санъатшиносӣ)** дохил мешавад, имрӯз таҳқиқотест, ки ҷойи холии мусиқишиносии Тоҷикистон ва берун аз онро пурра мегардонад. Барои ба даст овардани чунин сатҳу малакаи фаҳмиши мусиқишиносӣ, диссертант ҳанӯз аз солҳои 2014 дар эҷодиёти композитории хеш ба таълифи асарҳо дар жанри полифонӣ (фуга) оғоз намудааст. Шавқу завқ нисбат ба полифония аз он сар зада, баҳри пажуҳиш ва пурра азхуд кардани полифония диссертант як қисми дарсҳои фанни «Полифония»-ро дар Консерваторияи миллии

Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов аз соли 2022 ба уҳда дорад, ки ин таҷрибаи омӯзгорӣ ҳам барои омӯзиши пурратар ва мустақими полифония мусоидат менамояд.

Композитор Фирӯз Баҳор дорои дониши мукаммали назариявӣ, малакаву маҳорати баланди касбӣ, меҳру муҳаббати самимии худро ба Ватан дар эҷодиёти худ хеле равшан таҷассум намудааст. Ӯ композиторест, ки дорои тафаккури полифонӣ мебошад. Бинобар ин, дар илми мусиқишиносии Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқи эҷодиёти ӯ, аз ҷумла, бузургасари ин композитор, маънои ифтихормандиро пайдо мекунад.

Диссертатсия бо сохтори хеле мавзун навишта шудааст. Дар он моҳияти жанрии бузургсилсилаи полифонӣ ва бори нахуст саҳми асарҳои полифонии композиторони тоҷик барои фортепиано бар ташаккули он (боби якум), ҳалли композитсионӣ дар бузургасари Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» (бобҳои дуюм ва сеюм) баррасӣ гардидаанд. Таъкид шудааст, ки на ҳар миллат асареро дар ин жанри мураккаби полифонӣ дорад. Аз ин рӯ, Фирӯз Баҳор сатҳи баланди тафаккури полифонии композитори Тоҷикистонро бо офаридани ин асар муаррифӣ мекунад.

Дар рафти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ Убайдзода Бахтиёр сатҳи азхудкунии полифония, малакаҳои таҳлилоти илмӣ, шиносоӣ бо табиати фуга ва силсилаи хурди полифонӣ, корҳои нотачиниву техникии дигарро ба даст оварда, бо чунин дастгоҳи илмӣ кори диссертатсиониро дар сатҳи хуби касбӣ иҷро намуд.

Диссертант аз рӯйи **мавзӯи диссертатсия интишоротро** иборат аз 9 мақола, аз ҷумла, чаҳорто – дар маҷаллаҳои рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, як маҷмуаи нотавӣ «Асарҳои полифонӣ, сонатинаҳо ва вариатсияҳо барои фортепиано»-ро дорад.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ дар мавзуи «Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор: 24 прелюдия ва фуга барои фортепиано "Нақши паранд"» барои дарёфти

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй ҳисобида, ҳамчун роҳбари илмӣ, онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов** **Азизӣ Ф.А.**

«12» ноябри соли 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, хонаи 13, ҳуҷраи 21.
Телефон: тел.: +(992) 918700621
E-mail: farog48aziz@mail.ru

**Имзои Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзодаро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов **Тошов Муҳаммадюсуф Абдураҳимович**

РАЁСАТИ КАДРҲО

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, 155
Телефон: 227-07-20;
E-mail: tjconservator@mail.ru

«13» ноябри соли 2024